**ТАКРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» - и Садриддин Айнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

Осори забоншиносии устод Садриддин Айнӣ барои такмили забони адабии тоҷикӣ ва меъёрҳои он дар даврони Шуравӣ ва дар шароити имрӯзаи рушди забони тоҷикӣ бо дарназардошти васеъ гардидани вазифаи ҷамъиятии он ва таҳкими мақоми он ҳамчун забони давлатӣ аҳамияти калон дошта, татбиқи назару андешаҳои ӯ ба рушди забони адабӣ мусоидат мекунад. Дар байни осори илмии устод Айнӣ «Луғати нимтафсилии забони тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» мақоми хоса дорад ва чун сарчашмаи муҳимми лексикографӣ шинохта шудааст. Таҳқиқи арзиши лексикографии он имконият медиҳад, ки бахше аз сарвати луғавии забони тоҷикӣ муайян гардад, зеро ба ин луғат вожаҳое дохил шудаанд,ки то ин дам дар фарҳангҳои пешин дучор намешуданд.

Диссертатсияи Зоитова М.М. аз муқаддима, се боб ва хулоса иборат ва хулоса буда, ҳар як боб дар навбати худ ба зербобҳо ҷудо шудааст.

**Дар муқаддима** оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгонии он, нашри натиҷаҳои илмии диссертатсия, мувофиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ маълумот дода шудааст.

**Боби аввал "Калимаҳои халқӣ – гуфтугуйӣ дар "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик" – и С. Айнӣ"** ба таҳлили калимаҳои халқӣ – гуфтугӯйие, ки дар луғат шарҳ ёфтаанд, бахшида шудааст. Дар фасли алоҳида ҷиҳатҳои назариявии калимаҳои гуфтугӯйи – халқӣ таҳлил шудааст. Қабати мазкури луғат дар услубҳои гуногуни забони адабӣ бо тақозои ифодаи мақсади муаллиф ба кор бурда мешаванд. Луғати ин бахш ба гурӯҳҳои маъноӣ ҷудо шуда, номи либосу пойафзол, ҳайвоноту парандагон, растаниҳо, асбобҳои рӯзгор ва дигар қабатҳои луғавӣ аз назар гузаронида шудааст. Шарҳу тавзеҳи вожаҳои ифодакунандаи ашё ва мафҳумҳои дар боло номбаршуда оварда шудааст. Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар луғат овардашуда барои ғанӣ гардондани сарвати луғавии забони адабӣ аҳамияти калон доштанд, зеро қисме аз чунин вожаҳо дар забони осори классикӣ ба назар намерасиданд.

**Боби дуюми диссертатсия "Калимаҳои иқтибосӣ дар "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик" – и С. Айнӣ"** калимаҳои иқтибосиро дар бар гирифтааст. Дар луғат шумораи зиёди луғоти иқтибосӣ шарҳ ёфтаанд. Лозим ба ёдоварист, ки дар фасли аввали боби дуюм муаллиф дар бораи масъалаҳои назариявии иқтибоси забонӣ баҳс намуда, масъалаи иқтибоси калимаю шаклҳои дастуриро дар заминаи маводи забони

тоҷикӣ таҳлил карда, ҷиҳатҳои таърихию фарҳангӣ ва омилҳои ғайрилингвистии онро муайян намудааст.

Фасли алоҳида ба хусусиятҳои шаклию маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ бахшида шудааст. Зимнан бояд ёвар шуд, ки калимаҳои иқтибосии арабӣ дар забони тоҷикӣ шаклу маънои худро дигар карда, вобаста ба услубҳои гуногуни забон тобишҳои нави маъноӣ пайдо кардаанд. Инро дар мисоли шарҳу тавзеҳи иқтибосоти арабии луғат метавон ба хубӣ мушоҳида кард. Инчунин ба вижагиҳои дастурии калимаҳои иқтибосии арабӣ низ дар заминаи маводи луғат таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Махсусан, масъалаи ҷамъбандии калимаҳои арабӣ муфассал таҳлил шудааст. Шаклҳои ҷамъи шикаста ва солим, пасванди ҷамъбандии –от ва нақши ин воҳидҳо дар луғат мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Калимаҳои туркӣ-муғулӣ дар фасли алоҳида баррасӣ шудаанд ва аломатҳои савтӣ ва маъноии ин қабати мазкури луғат муайян карда шудааст.

Инчунин калимаҳои иқтибосии забонҳои дигар низ дар луғат аз назар гузаронида шудаанд ва тарзи шарҳу тавзеҳи онҳо нишон дода шудааст.

**Дар боби сеюми рисола "Сохтори калимаҳо тафсиршуда дар "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик" – и С. Айнӣ"** сохтори калимаҳои тафсиршуда мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар фаслҳои алоҳида пасванду пешвандҳои калимасоз, таркиби сарфии калимаҳои мураккаб ва хусусиятҳои маъноии калимаҳои мураккаби тобеъ ва пайваст таҳлил шудаанд.

Ёдоварӣ намудан ба маврид аст, ки таҳлилҳои муаллифи диссертатсия бо натиҷаҳои оморӣ асос ёфтаанд, ки ин тарзи таҳқиқ хулосаю натиҷагириҳои муаллифро боварибахш намудаанд ва то андозае манзари умумии таркиби луғавии забони адабии тоҷикро нишон медиҳанд.

**Хулосаю натиҷагириҳои таҳқиқ дар 9 банд ҷамъбаст гардидаанд**, ки ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия мувофиқат мекунанд.

Тавсияҳои амалии муаллиф низ дар 6 банд оварда шуда аз хулосаю натиҷагириҳои таҳқиқи диссертатсионӣ бармеоянд.

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ 10 мақола нашр гардидааст, ки 6 номгӯйи мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шуда ба мазмуну муҳтавои диссертатсия мутобиқат мекунанд.

Дар баробари дастовардҳои диссертант дар таҳқиқи диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо ва мулоҳизаҳои баҳснок низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳашон боиси беҳбудии кори илмӣ мешуд.

1.Дар унвони диссертатсия ба ҷойи ибораи "*ҳайати лексикӣ*" бояд "*таркиби лексикӣ*" ба кор бурда мешуд, зеро *таркиби луғавӣ ё таркиби лексикӣ* ҳамчун истилоҳи вожашиносӣ дар забони тоҷикӣ қабул шудааст. Калимаи *"ҳайат"* бештар ба шахс далолат мекунад.

2. Андешаҳои шарқшиноси маъруф Е.Э. Бертелс дар мактуб ба С. Айнӣ дар бораи арзиши илмии "Луғати нимтафсиллии тоҷикӣ барои забони адабии

тоҷик"  яке аз нахустин мулоҳизаҳои илмӣ оид ба ин луғатнома буд. Вале дар фишурда оид ба ин мактуб (тақриз) ишорае  пайдо нашуд.

3.Дар фасли дараҷаи омӯзиши мавзуъ на ҳамаи асару мақолаҳои ба таҳлили афкори забоншиносии устод С. Айнӣ бахшидашуда оварда шудаанд (мақолаҳои Б. Камолиддинов, Н. Офаридаев  ва ғ.).

4.Дар нусхаи русии автореферат баъзе ноҳамвориҳои услубӣ, ғалатҳои имлоӣ  ва техникӣ  мушоҳида мешаванд (ниг.: с.29).

Эродҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияи Зоитова М. М. коҳиш намедиҳанд. Кори диссертатсионии пешниҳодшуда таҳқиқи илмии яке аз масъалаҳои осори забоншиносии устод С. Айниро дар бар гирифта, дорои арзиши  назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ ба меъёр ва талаботи охирини Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти  Ҷумҳурии Тоҷикистон  ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Зоитова М.М. дар мавзуи "Таҳлили лингвистии  ҳайати лексикии "Луғати нимтафсилии  тоҷикӣ" барои забони адабии тоҷик" – и Садриддин Айнӣ" ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ  буда,  муаллифи  он  барои дарёфти дараҷаи  илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси  10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
сарходими илмии  Институти илмҳои
гуманитарии ба номи Б.Искандарови АМИТ   Офаридаев Назрӣ
"12" феврали соли 2024

Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Хоруғ, к. Карамшо М., 266(3).
Тел.: 919-26-14-06
E-mail: nazri53@mail.ru

Имзои Назрӣ Офаридаевро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи  кадрҳои Институти илмҳои
гуманитарии ба номи Б. Искандарови АМИТ   Наврӯзова Хусния
"12" феврали соли 2024

Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, к. У.Холдоров, 4.
Тел.: 939314032